**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Бобораҷабова Гулнозаа Зиёвиддиновна дар мавзуи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. – Душанбе, 2023. – 168 с.**

Дар ибтидои қарни XX дар муҳити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Фарорӯд дар қисмати халқҳои бумии ин сарзамин дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал пайваста, ба бедории фикрии ҷомеаи тоҷикон ва дигар мардумони ҳамҷавор боис гардид. Яке аз масъалаҳои муҳимми илмию фарҳангие, ки дар ин даргириҳои сиёсию иҷтимоӣ дар сарзамини Фарорӯд зимомдорони вақт ба воқеият пайвастани онро зарур медонистанд, ин пеш аз ҳама дар партави сиёсати Ҳукумати Шуравӣ татбиқ намудани инқилоби фарҳангӣ ба ҳисоб мерафт. Зеро ҳокимияти вақт метавонист, инқилоби фарҳангиро ҳамчун воситаи ба куллӣ тағйир додани зиндагии мардум истифода намуда, тамоми арзишҳои маънавие, ки дар сарзамин тӯли асрҳо дар расму ойини худ маҳфуз дошта буданд, аз байн бурда, аз пайи ба вуҷуд овардани арзишҳои нави "бесобиқа" бошанд. Муҳимтар аз ин равияҳое ба вуҷуд омаданд, ки бо баҳонаи инқилоби фарҳангӣ инкор намудани мардуми бумии ин сарзаминро пеш гирифта, бо ҳар роҳу восита маҳдуд кардани мероси ҳазорсолаи тоҷиконро тарғиб менамуданд. Онҳо ин ниятҳои нопоки худро ба даъвои баъзе гурӯҳҳое, ки фарҳанги гузаштаи халқиятҳои шомили ин сиёсатро "зарарнок" ва "қафомонда" меҳисобиданд, мутобиқ намуда, бо ин роҳ мавқеи сиёсии худро дар ҷомеаи онрӯз муҳим арзёбӣ менамуданд. Вале бар алайҳи чунин таҳрифкориҳо мардуми тамаддунофари тоҷик такя бар фарҳанги гузаштаи худ намуда, бар решаи бадхоҳони миллат зарба зад. Вале бар алайҳи ин гуна сиёсатҳои худкомаи зиддиинсонӣ шахсиятҳоеро таърихи инсоният ба майдони таърих овардааст, то дар ҳифзу ҳимояи арзишҳои миллӣ ва мардумони ин сарзамини бостонӣ иқдом намоянд. Ҳамин гуна рисолати таърихӣ ва фарҳангиро дар нимаи аввали асри XX барои дар саҳифаи сиёсии он давр зинда нигоҳ доштани миллати тоҷик устод Садриддин Айнӣ ба дӯш гирифта буд.

Устод Садриддин Айнӣ "аз зумраи адибонест, ки дар сафҳаи пуршаъонии тамаддун ва марҳилаи ҳассосу душвори таърихии халқҳои собиқ Аморати Бухоро бо чунин пайкори наҷибу созанда ва мақоми арзанда дар эҳёву бақои ҳастии давлатдории миллӣ ва шинохти тоҷикон дар ақсои олам ҷон ба гарав гузошта, як умр бошарафона дар ҳимояи адолати иҷтимоӣ, ғами халқу давлат ва миллат қарор дошта, дар мабнои таъсире, ки баъд аз худ мероси пурарзише бар ҷой мондааст, номи шахсияти барҷастава чеҳраи дурахшону мондагори халқҳои Осиёи Марказӣ дар қарни XX шинохта шуда, ба сарнавишти пурсӯз,

зиндагонии пуразоб ва фоҷеабор талхиву нокомиҳои давраи ҳассостарини таърихи халқи тоҷикро таҳмил намуда, дар таҳаввули ҳувияти ҷомеа таъсири судманд гузоштааст”[3].

Табиист, ки устод Садриддин Айнӣ бо чунин руҳияи худшиносию худогоҳии миллӣ дар офариниши симоҳои барҷастаю созанда иқдом намуда, барои ҳуввият ва худшиносии миллии мардумони бумии Фарорӯд заминаи боэтимод ва сабақи ибратбахши таърихӣ гузоштааст. Осори безавол ва ҷовидонаи ин шахсияти наҷиб ҳамчун намунаи барҷастаи ҳунари суханварӣ дорои вижагии хоси адабию илмӣ дошта, ба раванди ташаккули фарҳанги халқу миллатҳои гуногун таъсири боарзишеро дорост. Чеҳраҳои мондагоре, ки устод Айнӣ дар осори безаволи худ офаридааст, ба шаҳодат ва иродати аҳли сухан аз муҳимтарин сабақҳои таърих дар шинохти руҳи бедории халқ ва таърихи ҷовидонаи миллат мебошад. Аз ин назар, консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигориро дар осори устод Садриддин Айнӣ ба сифати тадқиқоти алоҳида мавриди омӯзиш ва пажуҳиш қарор додан иқдоми наҷиб ва шоиста мебошад. Ба таъбири дигар, ин ҷанбаи эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ мавриди баррасии бевосита ва мустақим қарор нагирифта буд. Мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишиест, ки ба самти адабиётшиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ комилан **мувофиқат менамояд.**

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи номзадии Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори устод Садриддин Айнӣ ва таъйини саҳми ӯ дар рушду такомули чеҳранигории адабӣ дар адабиёти муосири тоҷик таҳқиқи диссертатсионии бевосита ва мустақим анҷом наёфта буд. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон **мубрам** арзёбӣ намуд. Довталаби дараҷаи илмӣ барҳақ қайд намудааст, ки «Таҳаввул ва ташаккули сарнавиштҳову характерҳои гуногун ва фарогирии вусъатноки шинохти маърифати бадеии таърих дар тахайюлоти эҷодии нависанда арзишманд ва ибратпазир буда, диди ҳамосии воқеият, пайванди таҳқиқи илмӣ, публитсистӣ ва бадеиро падид оварда, арзиши осори нависандаро ба маротиб афзун гардонидааст. Осори безавол, шахсияти наҷиб ва чеҳраи дурахшони устод С. Айнӣ ба эътирофи муҳаққиқон сабақи таърих аст ва руҳи бедори халқ ва таърихи ҷовидони миллат мебошад» (диссертатсия, с. 3-4).

Таҳқиқу баррасии фаъолияти босамар ва гуногунпаҳлуи устод Айнӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи аҳли тадқиқ қарор дошта, суханшиносону муҳаққиқон ба рӯзгору осори ӯ ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Дар рисолаи пурарзиши «Зиндагӣ ва эҷодиёти Садриддин

Айнӣ» И.С. Брагинский яке аз аввалинҳо шуда, оид ба сарчашмаҳои эҷодиёти С. Айнӣ, ҷустуҷӯ ва мубориза҆ҳои ӯ, таъсири мактаби инқилоб, таълифи асарҳои «Одина», «Дохунда» ва «Ғуломон», ҳикояи «Мактаби куҳна», повестҳои «Аҳмади Девбанд», «Ятим», «Марги судхӯр» ва «Ёддоштҳо» изҳори назар мекунад. Ҳамзамон, И.С. Брагинский таҳқиқи андешаҳои адибони машҳур К.Федин, Л.Леонов, В.Каверин, Я.Колас, П.Тичина, Ю.Фучик, Л.Арагон ва дигаронро дар бораи устод Айнӣ аз корҳои муҳим маҳсуб медонад. Дар мавриди таҳқиқи масъалаҳои эҷодиёти Садриддин Айнӣ якчанд таълифоти муҳим, аз ҷумла таълифоти Радий Фиш ва Раҳим Ҳошим «Бо амри виҷдон» , М. Шукуров «Садриддин Айнӣ», С. Табаров «Зиндагиномаи С. Айнӣ», А. Сайфуллоев «Мактаби Айнӣ», Л.Н. Демидчик ҷилди дувуми «Таърихи адабиёти шуравии тоҷик», «Луғатномаи асарҳои Айнӣ», андешаҳои Иржи Бечка, Н.Раҳимов ва маҷмуаи «Шуҳрати ҷаҳонии Айнӣ» ва ғайра анҷом ёфтааст, ки судманд мебошанд.

Идомати ин амалро дар фаъолияти пажуҳишгарии насли нави адабиётшиносон ва унвонҷӯёну аспирантон низ ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Манзури муҳаққиқону донишмандон намудан ва ба ҳимоя пешниҳод гардидани диссертатсияи номзадии Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дар мавзуи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигории устод Садриддин Айнӣ» андешаҳои фавқро собит менамояд.

Ҳанӯз аз оғози фаъолияти эҷодӣ осор ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори устод Садриддин Айнӣ таваҷҷуҳи адабиётшиносону мунаққидони ватанию хориҷиро ба худ ҷалб карда, хушбахтона, чунин ҳусни таваҷҷуҳ имрӯз ҳам зоҳир мешавад ва паҳлуҳои норавшану таҳқиқнашудаи рӯзгору осори устод Садриддин Айнииро мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор мегирад. Таваҷҷуҳи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновнаро омӯзишу таҳқиқи мавзуи муҳимму зарурӣ – ҳунари чеҳранигорӣ дар коргоҳи эҷодӣ ва фаъолияти адабии устод Садриддин Айнӣба худ ҷалб намуда, довталаби дараҷаи илмӣ бо роҳнамоӣ ва роҳбарии доктори илми филология Абдусамад Муллоев кори илмӣ-таҳқиқии хубе анҷом додааст.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори устод Айнӣ баррасӣ гардида, ҳамчунин, ба масоили ташаккул ва таҳаввули анъанаи чеҳранигории адабӣ дар адабиёти муосири тоҷик, навгониҳои падидомада дар ин самт, муҳтаво ва забону сабки чеҳранигорӣ руҷуъ шудааст. Дар рисолаи Бобораҷабова Гулноза таҳқиқи ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ аз нигоҳи шаклу мазмун, анъана ва навоварӣ, забону сабки нигориш, коргоҳи эҷодӣ ва мухтассоти бадеӣ ба таври густарда анҷом ёфтааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд.

**Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи адабиёти давраи нави тоҷик ва коргоҳи эҷодии адибони дигар ба адабиётшиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони адабиёт ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд. Диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич аз муқаддима, се боб, даҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ дар навбати худ ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар илми адабиётшиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи осори стод Садриддин Айнӣ аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия «Боби аввали диссертатсия «**Мушкилоти чеҳранигорӣ дар осори устод С. Айнӣ»** унвон дошта, дар он дар такя ба манобеъ ва таҳқиқоти қаблан анҷомёфта таснифи мушкилоти чеҳранигорӣ дар адабиёти давраи нави тоҷик, муруре ба сайри таърихии

ҳунари чеҳранигорӣ дар адабиёти форсу тоҷик ва анъанаю навпардозӣ дар офариниши портретҳои адабӣ сурат гирифтааст. Фасли якуми ин боб ««**Марҳилаҳои асосии ташаккули ҳунари чеҳранигорӣ дар осори устод С. Айнӣ**» номгузорӣ гардида, марҳилаҳои асосии ташаккули чеҳранигорӣ дар осори устод Садриддин Айнӣ дар адабиёти давраи нави тоҷик ва масъалаи муайян намудани вежагиҳои ҳунари чеҳранигориро фаро гирифтааст.

Дар фасли дуюм «**Шахсият ва воқеият: таносуби ҳақиқати воқеӣ ва ҳақиқати бадеӣ дар ҳунари чеҳранигории устод С. Айнӣ**» таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунарии осори адабӣ, таносуби ҳақиқати воқеӣ ва ҳақиқати бадеӣ таҳлил шуда, аз маводи зиндагӣ, аз ҳодисаю воқеаҳо ва шахсиятҳои дорои арзиши адабӣ кор гирифтани нависанда равшан мегардад.

Муҳаққиқ заминаҳои ташаккули ҳунари чеҳранигориро дар осори устод Садриддин Айнӣ мушаххас намуда, ба таснифи дурусти ин ҳунари нигорандагӣ пардохта, умумият ва тафовути онро аз дигар анвои адабӣ, аз ҷумла сафарнома, зиндагинома ва достон таъйин карда, қайд мекунад, ки «С. Айнӣ тибқи эътирофи аксари муҳаққиқони осораш на танҳо дар тасвири воқеаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ, балки дар офаридани чеҳраҳои гуногуни бадеӣ, тасвири симои зоҳирию ботинии намояндагони табақаҳои мухталифи иҷтимоӣ маҳорати баланд дорад. Аз нигоҳи ҳунари нигорандагӣ ва арзиши адабию бадеӣ аксари қаҳрамонҳои ба истилоҳ мусбату манфии асарҳои ӯ дар пояи баланди ҳунарию бадеӣ қарор доранд. Аз ҷумла чеҳраи бадеии Қорӣ Ишкамба аз нигоҳи ҳунари чеҳранигорӣ дар адабиёти ҷаҳон ҳамсону ҳампоя ва ҳамрадиф надорад. Вай дар офаридани чеҳраҳои бадеӣ ҳам ба суннатҳои адабии гузашта ва ҳам ба суннатҳои навини адабиёти рус ва Шуравӣ такя менамояд» (диссертатсия, саҳ. 39).

Дар боби дуюм «**Бозтоби шахсияти таърихӣ ва симои рӯшанфикрон дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ»** консепсияи бадеии насри муосир дар мисоли таҷассуми симои равшанфикрон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Фасли якуми боби дуюм «Таҷассуми симои равшанфикрон дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» ба тасвири симои шахсияти таърихию ҳунарӣ ва чеҳраҳои равшанфикрони Бухоро бахшида шудааст. «Ёддоштҳо» дар адабиёти шуравии тоҷик нахустин асарест, ки воқеаҳои муҳимтарини муборизаи синфӣ ва ҷиҳатҳои гуногуни ҳаёти маънавии нимаи дуюми асри XIX дар он таҷассум ёфта, шуури иҷтимоии халқ ва моҳияти замонро равшан ифода намудааст, ки бо афкори баланди дилнишин, каломи пурэъҷоз, равшанбаёнӣ, воқеънигорӣ, офариниши симоҳои наҷибу мондагор дар хотир нақшгузор аст.

Дар фасли дуюм «**Симои муаллиф ва нигориши рухи замон дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ**» бозтоби чеҳраи Садриддин Айнӣ, ки қаҳрамони асосии асар аст, мавқеи шоиста дошта, ташаккул ёфтани характери вай

яке аз масъалаҳои муҳимми асар маҳсуб меёбад. Симои ҳунарии Садриддин қабл аз инқилоб ҳамчун шахсияти донишманду адиби нуктасанҷ шинохта шуда, тафаккури адабию эстетикиаш дар муҳити фарҳанги суннатӣ ва шеъру адаби пурғановати ниёкон бунёд ва ташаккул ёфт ва дар қатори фозилони давр ва зиёиёни пешқадам қарор гирифтааст.

Дар боби сеюм **«Таҳқиқи осори адабӣ, шинохти шахсият ва бозтоби симои Аҳмади Дониш дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ»** осори адабӣ ва чеҳраи Аҳмади Дониш баррасӣ шудааст.

Дар фасли аввал «**Таҳқиқи осори адабӣ ва шинохти шахсияти Аҳмади Дониш»** як қатор корҳои илмию бадеии муҳаққиқон ва адибон таҳлил гардида, рисолати иҷтимоӣ, шахсият ва симои Аҳмади Дониш муайян шудааст. Аҳмади Дониш аз симоҳои намоёнтарини илму фарҳанги қарни XIX дар Аморати Бухоро маҳсуб ёфта, мавзуи меҳварии афкори ӯ ислоҳоти иҷтимоии ҷомеа буд. Таҳқиқи илмию бозтоби бадеии он пас аз солҳои панҷоҳум ба миён омада, андешаҳои иҷтимоию сиёсӣ, фалсафӣ, маорифпарварӣ, адабию эстетикӣ, динию мазҳабӣ, ки дар осори гаронмояи Аҳмади Дониш баён шудаанд, то ин давр дар шакли муқоисавию татбиқӣ ва таҳлилии бунёдӣ омӯхта нашуда буд.

Дар фасли дуюми боби мазкур « **Шахсияти эҷодӣ ва чеҳраи ҳунарии Аҳмади Дониш дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ»** арзёбӣ шудааст. Таҳқиқи бадеии чеҳраи Аҳмади Дониш пас аз эҷоди «Таърихи инқилоби Бухоро»-и С. Айнӣ оғоз ёфт ва нахустин қадамест дар офаридани симои мутафаккир, адиб, мунаҷҷим, хаттот, алломаи даврон Аҳмад-махдуми Дониш.

**Хулосаи диссертатсияи** Бобораҷабова Гулнозаа Зиёвиддиновна фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 10 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Ба назари мо, дар боби якуми рисола меъёри таносуби ҳақиқати воқеӣ ва ҳақиқати бадеӣ дар шинохти шахсият ва воқеият ҳанӯз равшан нашудааст..
2. Симои рушанфикрон ва ҳатто худи муаллиф мебояд дар заминаи осори илмию эҷодии онҳо баррасӣ мегардид. Ин гуна равиши тадқикро мо дар қисмати Аҳмади Дониш мебинем, вале фаъолияти илмию адабии Садри Зиё танҳо дар доираи осори устод Айнӣ маҳдуд мондааст. Агар дар шинохти шахсияти Садри Зиё дигар равшанфикрони ҳамасри нависандаро

муҳаққиқ ба “Рӯзномаи Садри Зиё” ва “Намунаи адабиёти тоҷик”-и устод С.Айнӣ муқоиса менамуд, хулосаҳои илмии ӯ дақиқтар ва воқеӣ мегардиданд. Мутаассифона, ин масъала низ аз назари муҳаққиқ берун мондааст.

3. Ба назари мо, дар рисола барои равшантар шудани моҳияти мавзӯи пажуҳишӣ шарҳи истолоҳии ифодаҳои “шахсият”, “чеҳранигории адабӣ”, “ҳунари чеҳранигорӣ” ва “потретҳои адабӣ”, ки дар тадқиқоти муҳаққиқони дигар низ ҷой дорад, зарур медонем.

4. Ҳамзамон сарчашмаҳои пайдоиши таҳқиқи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар рисола равшан нагардидааст, гарчанде муаллиф асарҳои муҳаққиқони алоҳидаро дар шинохти симои устод Айнӣ ном мегирад, вале мақолаю нигоштаҳои Раҳим Ҳошим ва Абдураҳмон Абдуманноновро, ки маҳз ба ин масъала ихтисос дорад, дар назар надорад.

5. Дар ҷараёни тадқиқ ва таҳлили мавзӯи рисола муҳаққиқ қариб тамоми осори устод Айниро фаро мегирад, вале чеҳраҳои мавриди таҳқиқро бо асарҳои адибони дигар дар муқоиса баррасӣ кардан мувофиқ меомад. Масалан, симои “Қорӣ Ишкамба” бо “Ҳоҷӣ Оғо”-и Содиқ Ҳидоят дар адабиёти Эрон борҳо мавриди таҳқиқи муҳаққиқони тоҷик (профессор О.Хоҷамуродов) қарор дошт, вале муҳаққиқ аз ин сарчашмаҳои муҳим бехабар аст.

6. Дар феҳрасти адабиёти диссертатсия баъзан нишон надодани замони нашри адабиёт ва мушаххасоти он (нашриёт, теъдоди саҳифа) ва риоя нагардидани тартиби хронологӣ (дар мисоли таълифоти устод С.Айнӣ(саҳ.154) ва Р.Ҳошим(саҳ.165) ва Х. Асозода(саҳ.157) ба назар мерасанд.

7. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ва автореферати он имлоӣ (Қори Исмат – дисс., саҳ. 40; шукӯҳ – саҳ. 45; Ҳоҷи – саҳ. 57; рӯҳонӣ – саҳ. 72; дахтари бой-96; Россия ва Русия-саҳ.75) истифодаи воситаҳои ҷамъбандии арабӣ: ҷузъиётҳ, саҳ.29 ва як қатор ғалатҳои техникӣ (“Ёддоштҳоям-саҳ.15) ба назар мерасанд,ислоҳи онҳо боиси афзудани ҳусну зиннати ин кори илмӣ-таҳқиқӣ мегардад.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Бобораҷабова Гулнозаа Зиёвиддиновна ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Бобораҷабова Гулнозаа Зиёвиддиновна дар мавзуи «Консепсияи » ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷашахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ”ба талаботи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Одинаев Нурмахмад Сафарович

«22» апрели соли 2023.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Карабоев, 63/3.
E - mail: odinaievn@mail.ru
Сомонаи муассиса: www.tut.tj
Тел: (+992) 93-445-33-44; (+992) 2-50-15-35.
Факс: (+992-37) 2-34-49-88.

Имзои дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ
Одинаев Н.С.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Бухориев Н.А.
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Карабоев, 63/3.
Сомонаи муассиса: www.tut.tj
Тел: (+992) 93-445-33-44; (+992) 2-50-15-35.
Факс: (+992-37) 2-34-49-88.

«22» апрели соли 2023.